Бо қарори
Раёсати Комиссияи олии
аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 апрели соли 2017, №1/2
тасдиқ шудааст

# ФЕҲРИСТИ МУВАҚҚАТИИ
## маҷаллаҳои тақризшаванда барои ҳимояи диссертетсияҳо

1. Феҳристи муваққатии маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки дар онҳо натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои ҳимояи диссертатсияҳо аз рӯи самти омода кардани доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзад ва доктори илм интишор мегарданд (минбаъд – Феҳристи муваққатӣ), мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи докторантура аз рӯи ихтисос, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 127 тасдиқ шудааст, Стандарти давлатии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (докторантура), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013, № 341 тасдиқ шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, то қабул ва тасдиқи феҳристи доимоамалкунандаи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда мавриди амал қарор мегирад.

2. Ба Феҳристи муваққатӣ маҷалла ва нашрияи илмие дохилшуда ҳисоб карда мешавад, ки агар он шартҳои зеринро қаноат кунонад:

2.1. Аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, тибқи «Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, барои интишори натиҷаҳои асосии диссертетсия оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ пешбинӣ шуда, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ тасдиқ шуда бошад.

2.2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё кишвари хориҷӣ нашр шуда, шомили Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Федератсияи Россия бошад.

2.3. Шомили пойгоҳи реферативии байналмилалии иттилоот ва низомҳои иқтибосии Web of Science, Scopus, Astrophisics Data System, PubMed, MathSciNet, zbMATH, Chemical Abstracts, Springer, Agris, Georef бошад.

2.4. Нашрияи илмии байналмилалӣ, ки аз рӯи маълумоти пойгоҳҳои иттилоотии Элзевир, Скопус ва медиаширкати Томсон Рейтерс импакт-фактори ғайрисифрӣ дорад.

***<u>Эзоҳ:</u>***

- *Шӯроҳои диссертатсионӣ шомил будани маҷалла ва нашрияҳои илмиро дар феҳристҳои зикршуда ва импакт-фактори онҳоро дар пойгоҳи додаҳои дахлдор бояд мунтазам санҷанд.*
- ***Elsevier** – бузургтарин ҳолдинги интишоротии адабиёти илмӣ, техникӣ ва тиббӣ дар ҷаҳон буда, ҳамасола тақрибан чаҳоряки ҳама мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмӣ интишоршавандаро чоп мекунад. Ширкати Элзевир ҳамчунин таҳиягари маҷаллаҳои илмӣ, маводҳои конфронсҳо ва нашрияҳои силсилавии шохисшаванда мебошад. Сомонаҳои расмии он – http://www.elsevier.com ва pcs.webofknowledge.com.*
- ***Scopus** – пойгоҳи иттилоотии библиографию реферативӣ ва воситаи пайгирии иқтибосоварии мақолаҳои нашрияҳои илмӣ буда, дар он 18 ҳазор нашрия аз рӯи илмҳои техникӣ, тиббӣ ва гуманитарӣ шохиснок шудааст. Скопус 5 ҳазор ношир дорад, сомонаи расмии он – www.scopus.com.*
- ***Thomson Reuters** – медиаширкати агентии Рейтер, дастраскунандаи пешсафи иттилооти таҳлилӣ, қарорҳои иттилоотӣ ва пойгоҳи додаҳо барои соҳибкорӣ ва коршиносони касбӣ мебошад. Сомонаи расмии ширкат – thomsonreuters.com.*